**Тақризи**

**роҳбари илмӣ доктори илми филология, профессор Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода ба диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» яке аз масоили мубрами илми педагогика буда, ба таҳқики масъалаҳои назариявӣ ва амалии методикаи таълими рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар шароити амалӣ намудани муносибати босалоҳит ба таълим ихтисос дорад. Тақиқи мавзуи диссертатсияи З.Т. Бобева аз чанд ҷиҳат дорои аҳамияти илмию методист: Аввалан, татбиқи сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон, алалхусус таъкиду дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар соҳаи маориф муайян менамояд. Сонияи, мавзуъ дар асоси лоиҳаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баланд бардоштани сифати таҳсилот муносибати босалоҳият ба таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ татбиқ менамояд, интихоб шудааст.

Диссертатсия З.Т. Бобоева аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳои марбути мавзуъ мебошанд, хулоса, феҳристи адабиёт ва номгӯи мақолоти нашрнамудаи муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқ иборат аст. Матни диссертатсия аз 201 саҳифа буда, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 254 номгӯй иборат аст, ки ба талаботи рисолаҳои номзадӣ комилан ҷавобгӯст. Мақсади таҳқиқи мавзуъ аз лиҳози назариявӣ асоснок кардан, аз ҷиҳати методӣ таъбиру таъвил намудан ва аз ҷиҳати амалӣ дар таҷриба аз озмоиш гузаронидани таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар шароити муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, пайгирӣ намудани самараи натиҷаҳои таълим тавассути технологияҳои

муосири педагогӣ, ташаккули салоҳиятҳои омӯзгору хонанда ва хонандамеҳвар шудани хонанда дар ин раванди таълим мебошад.

Дар боби аввали рисола асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии муносибати босалоҳият ба таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таълими интерактивии омӯзиши тарҷумаи ҳоли Абдураҳмони Ҷомӣ ва мероси адабию илмии ӯ вобаста ба зинаҳои омӯзиши адабиёт бо такя ба озмоишҳои педагогӣ муайян шудааст. Ҳамчунин дар ин боб таълими интерактивӣ ва мавқеи технологияи таълим ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон нигаронида шудааст, таъйин гардида, ҷамъбасти натиҷаҳои озмоиши педагогӣ доир ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти адиб муайян гардидааст.

Боби дуюми рисола, ки ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси хониши адабӣ ихтисос дорад, дар ду фасл ва се зерфасл нахуст, махсусияти таълими осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар зинаи ибтидоии таҳсил таҳқиқ шуда, сонияи, таълими шарҳи ҳол ва мероси адабии шоир дар курси хониши адабӣ дар шароити муносибати босалоҳият бо такя ба озмоишҳои педагогӣ таҳқиқ шуда, натиҷаҳои онҳо пешниҳод гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия “Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар курси таърихи адабиёт” унвон дошта, методикаи таълими тарҷумаи ҳол, роҳу усулҳои таҳлили ғазалиёти шоир ва шеваи таълими асарҳои ҳамосии ӯ бо усули интерактивии таълим дар курси таърихи адабиёт (синфи 9) таҳқиқ шуда, бо такя ба озмоишҳои таълимӣ шеваи тадриси онҳо вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ироа гардидааст. Дар хулоса ба таври ихчам дар 10 банд натоиҷи бадастомада аз таҳқиқи мавзуъ пешниҳод шуда, ки ҳоизи аҳамияти илмию методӣ доранд. Тавсияҳои методиии муаллифи диссертатсия доир ба истифодаи амалии натоиҷи аз таҳқиқи мавзуъ ҳосилшуда дар 9 банд ироа шуда, ки дар амал татбиқ намудани онҳо ҳангоми таълими фанни адабиёт метавонанд дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон ва боло бурдани сифати таҳсилот мусоидат намоянд.

Бояд зикр кард, ки мавзуи диссертатсияи З.Т. Бобоева аз масоили актуалии илми педагогика буда, ба яке аз самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Тоҷикистон, масъалаи таҳқиқи методикаи таълим бахшида шудааст Навгонии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар илми педагогикаи тоҷики замони Истиқлол методикаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти шоирони адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ (дар мисоли рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ) дар шароити муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо корбурди усулҳои интерактивӣ таҳқиқ аз таҷрибаву озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуда, шеваи тадриси онҳо, ки ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон замина мегузорад, ҳангоми омӯзиши адабиёт бо далелу мадракҳои илмию методӣ исбот гардидааст. Муаллифи диссертасия тамоюли гузаштан ба консепсияи ДТМ (дониш, таҷриба, малака), ки дар арзёбии донишу фаъолияти хонандагон нақши муҳим мебозад, мавриди таҳқиқу озмоиш қарор дода, натоиҷи онро дар мисоли таълими рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо далоили илмию методӣ муайян намудааст. Яке аз дастовардҳои дигари муаллифи диссертатсия он аст, ки камбуд ва норасоиву номутобиқатии барномаи таълимию китобҳои дарсӣ ба синну соли хонандагон ҳангоми интихоби осори Абдураҳмони Ҷомӣ бо далелҳои илмию методӣ исбот намуда, намунаҳои мувофиқро аз осори адиб барои ҳар се зинаи омӯзиши адабиёт пешниҳод менамояд. Ҳамчунин З.Т. Бобоева роҳу усулҳои тадриси рӯзгору осори Абдураҳмони Ҷомиро тавассути технологияҳои интерактивӣ пешниҳоди муҳаққиқону омӯзгорон мекунад, ки онро метавон ба сифати модули таълимӣ дар таълими ҳаёт ва эҷодиёти суханварони дигар истифода кард.

Диссертатсияи Бобоева З.Т. аз лиҳози назариявӣ ва методӣ қавӣ буда, ба ҳама меъёрҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди рисолаҳои номзадӣ зарур донистааст, ҷавобгӯст. Натоиҷи илмӣ, тавсияҳои методӣ ва хулосаҳои диссертант пояи илмию методӣ дошта, бо далелу мадракҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд. Забони кори илмӣ, содa ва мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмию методӣ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» як таҳқиқоти комилу анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ навишта шудааст. Диссертатсияи мазкур собит менамояд, ки муаллифи он Бобоева З.Т. истеъдоди хуби пажӯҳандагӣ дорад. Аз ин рӯ, шоиста аст, ки диссертатсияи ӯ «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дифоъ ба шурои ҳимояи рисолаҳои илмии номзадию доктории назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04.-Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) пешниҳод гардад.

**Роҳбари илмӣ**,
доктори илми филология,
профессори кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Исрофилниё Ш.Р.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Деҳи боло,162
Тел.: (+992) 93 36 70 999;900909696
E-mail: isrofilniyo@ mail.ru

Имзои Ш.Р. Исрофилниёро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Юсуфова Б.Ғ.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17\6.
Телефон: +992-37) 2325029; 2325000;факс: +992372325003.
E-mail: rectorat/dbzkht.tj@mail.ru

«10» 01 соли 2023